# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ)пешниҳод гардидааст.

Пайвастагиҳои гетеросиклии политарокумӣ (поликонденсиронидашуда)-и дорои атомҳои нитроген ва сулфур, ки аҳамияти назариявию амалии химиявӣ ва биологӣ доранд солҳои охир таваҷҷӯҳи химикону дорусозонро бештар ба худ ҷалб намудааст.

Ҳосилаҳои тарокумшудаи 1,3,4-тиадиазолӣ аз ҷумлаи пайвастаҳои гетеросиклии нитроген- ва сулфурдор буда, хосиятҳои назарраси фармакологӣ ва биологии васеъ дошта, мақоми баландро дар байни дигар пайвастагиҳои органикӣ доро мебошанд. Пайвастагиҳои мазкур дар соҳаҳои тиб, биология, тибби бойторӣ ва кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд. Аз зумраи ҳосилҳои тарокумшудаи 1,3,4-тиадиазолӣ ҳосилаҳои бисиклии имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазолӣ, ки хосиятҳои намоёни биологиро нисбат ба ҳосилаҳои 1,3,4-тиадиазолӣ зиёдтар зоҳир менамоянд, бештар дар табобати бемориҳои онкологӣ, сил, илтиҳобӣ ва бактериявӣ васеъ истифода мешаванд. Сохти имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазолӣ яке аз ҷузъи сохтории левимазол буда, дорои таъсири имунноимунӣ, имконияти зидди илтиҳобӣ ва захрнокии паст мебошад.

Кори диссертатсионии Ш.С. Сафарзода ба синтез ва омӯзиши химиявӣ, физикавӣ ва биологии ҳосилаҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол, ки дар асоси реаксияи сиклизатсияи 2-амино-5-бром 1,3,4 тиадиазол ва параметилфенатсилбромид ҳосил шудааст бахшида шудааст. Ҳосилаҳои 1,3,4-тиадиазолӣ ва пайвастагиҳои тарокумии онҳо заминаи асосии синтези ҳосилаҳои гуногуни гетеросиклӣ маҳсуб меёбанд, ки дар коркарди маводҳои биотиббӣ нақши муасирро доранд.

Вижагиҳои хосиятҳои ҳосилаҳои тарокумии пайвастагиҳои гетеросиклӣ, аз ҷумла ҳосилаҳои имидазо[2,1-b]-[1,3,4]-тиадиазолӣ сохтори ҳандасӣ ва электронии онҳо ба ҳисоб мераванд, ки бидуни шак ба хосиятҳои физикию кимиёвии онҳо ҳамбастагии зиёд дошта, заминаи муносиб барои ҷустуҷӯи моддаҳои фаъоли биологии навро фароҳам месозанд.

Дар вақтҳои охир дар соҳаи синтез ва фаъолияти биологии 1,3,4-тиадиазол ва аналогҳои тарокумии он таҳқиқоти пуршиддат анҷом дода шудааст. Дар робита ба масъалаҳое, ки дар рисолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, дар қадами аввал синтези моддаҳои аввалия – 2-амино-1,3,4-тиадиазол, 2-амино-5-бром-1,3,4-тиадиазол, пара-метилатсетофенон ва параметилатсетилбромид гузошта шудааст. Натиҷаи муҳими дигари кори диссертасионии Ш.С. Сафарзода дар он аст, ки қонунияти вобастагии байни сохт ва фаъолияти биологии ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазоли омӯхташударо ошкор кардааст. Натиҷаи *in silico* омӯзиши фаъолияти зиддитуперкулёзӣ ва зиддидиабетии ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазоли таҳқиқшуда нишон додаанд, ки баъзе аз ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол хосияти баланди биологиро зоҳир менамоянд.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии Сафарзода Ш. С., ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, натиҷаҳо ва шаҳру эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона автореферати диссертатсия аз норасоиҳо, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо чунинанд:

1. Муаллиф танҳо фаъолияти биологии пайвастагиҳои ҳосилнамудаашро танҳо бо усули таҳқиқи in siliko хосияти зидди силӣ ва зиддидиабетии пайвастагиҳоро таҳқиқ кардааст. Барои пурратар фаҳмидани фаъолияти биологии ин пайвастагиҳо, баҳодиҳии фаъолияти онҳо дар дигар санҷишҳои биологӣ, аз қабили фаъолияти зиддивирусӣ ва зиддимикробӣ дар шароити *in vitro* ва *in vivo*, васеъ кардани тадқиқот бамаврид мебуд.

2. Муаллиф танҳо 4 навъи пайвастагиҳои синтезкардаашро мавриди таҳқиқи морфологии растании гандум дар ду консентратсия пешниҳод намудааст. Бисёр хуб мешуд, ки ҳамаи пайвастагиҳои синтезкардаашро мавриди таҳқиқ қарор медод.

Дар умум, автореферати кори диссертатсионии Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои химия,
аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ,
ҷонишини директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон" Илолов А.М.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 4/2,

ҳуҷраи 10.
Тел.: (+992) 77 55555 77,
E-mail: ilolov2@gmail.com
«09» апрел соли 2026

Имзои Илолов Аҳмадшо Мамадшоевич-ро тасдиқ мекунам:
директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон" Баҳромзода Б.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Айни 84/4.
Тел.: (+992) 988385555,
E-mail: tojinurafshon@gmail.com